**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» (солҳои 2010-2022))» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

Диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна аз ҷиҳати интихоби масъала мубрам буда, ба яке аз мавзуъҳои муҳими журналистикаи замони муосир - «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» (солҳои 2010-2022))» бахшида шудааст.

Дар соҳаи журналистика яке аз қисматҳои муҳим таҳқиқоти жанр ва мавқеи он дар низоми воситаҳои ахбори омма мебошад. Зеро журналистикаро бидуни жанр наметавон тасаввур кард. Махсусан дар замони рушди технологияи иттилоотӣ, ки телевизион дар байни воситаҳои ахбори омма барои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрастарин воситаи ахбор ба ҳисоб меравад, бори аввал дар доираи рисолаи диссертатсионӣ ба пажӯҳиш кашидани мавзуи мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони ватанӣ навгонӣ дар соҳаи рӯзноманигорӣ ба шумор меравад.

Пажӯҳиши мавзуи мазкур дар илми журналистикаи тоҷик нав буда, бобати баррасии мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони ватанӣ то ба ҳол ба мушоҳида нарасидааст. Аз автореферати рисолаи диссертатсионӣ маълум мешавад, ки диссертант ба адабиёти зиёди илмиву таълимӣ ва санадҳои ҳуқуқию меъёрии соҳаи журналистикаи телевизион такя намуда, таҳия намудааст.

Диссертант моҳияти мавзуи пажӯҳишро дуруст дарк намуда,

рисолаи диссертатсиониро дар шакли муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда ба шакл даровардаast.

Дар муқаддимаи диссертатсия тибқи муқарраротт, мубрамии мавзуи пажӯҳиш, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар пажӯҳиш, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он муайян шудааст.

Муаллиф мавзуи пажӯҳишро бо низоми илмӣ ба тартиб даровarda барои зина ба зина ҳал кардани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар натиҷа ҳосил намудани таҳқиқоти комили илмӣ ноил гардидааст. Бобу зербобҳои кор паҳлуҳои зарурии мавзуъро фаро гирифта, дар алоқамандии мантиқӣ ҳамдигарро пурра гардонидаанд.

Пажӯҳиши мазкур арзиши илмиву амалӣ дошта, он дар журналистикаи тоҷик таҳқиқоти диссертатсионие мебошад, ки ба пажӯҳиши мавзуи мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони ватанӣ бахшида шудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки автореферати рисолаи диссертатсионии Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион, (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» (солҳои 2010-2022))» аз нигоҳи сохтор мазмуну мундариҷа мувофиқ ба талабот таҳия шуда, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтааст.

Бо назардошти ин, автореферати рисолаи диссертатсионии Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» (солҳои 2010-2022))» таҳқиқи анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи онро барои дарёфти

дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 - Рӯзноманигорӣ (6D050401 - Рӯзноманигорӣ) сазовор меҳисобам.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филология,
дотсент, директори китобхонаи
маркази Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров: Самадова Д. Ҳ.

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
іаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ? хонаи 56, ҳуҷраи 10/
Тел.: (992) 92-777-34-27
E-mail: d-samadova@mail.ru
21 майи соли 2024

Имзои Д.Самадоваро-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Б. Ғафуров: Ҳусейнова З. С.
21 майи соли 2024

**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992-3422) 6-52-73.
www.hgu.tj